# COVID-19 ва таъсири он ба вазъият бо мониторинги муассисаҳои пенитенсиарӣ ва озодии изҳори ақидаҳо

## Барчидаи сарчашмаҳои муфид

Шарикии Байналмилалӣ баҳри Ҳуқуқҳои Инсон



Ҳуҷҷати мазкур бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо омода гардидааст. Муҳтавои он масъулияти истисноии ташкилотҳои ҷамъиятие мебошад, ки онро нашр мекунанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад инъикосгари ақидаҳои Иттиҳоди Аврупо маҳсуб ёбад.

# Мундарича


## Пешгуфтор 3

## Муассисаҳои пенитенсиарӣ 4

ТАДБИРҲО БАРОИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲО ҲАНГОМИ ВОКУНИШ БА БЎҲРОНҲО 4

РОБИТА БО ОЛАМИ БЕРУНА 4

ЗАРУРАТИ ИДОМА ДОДАНИ МОНИТОРИНГ ДАР ҶОЙҲОИ ҲАБС ДАР ДАВРАИ БЎҲРОН 6

ТАЪМИНИ ҲУҚУҚҲОИ ГУРЎҲҲОИ АЗ ҲАМА ОСЕБПАЗИРИ МАҲБУСОН 7

ЗАРУРАТИ ИХТИСОР НАМУДАНИ ШУМОРАИ МАҲБУСОН 13

## Озодии изҳори ақидаҳо/ дастрасӣ ба иттилоот 13

## Истифода аз воситаҳои техникии назорат 14

## Чораҳои фавкулода 18

## Ҳуқуқҳои инсон дар маҷмуъ – восита ва сарчашмаҳо 18

# Пешгуфтор

Хурӯҷи инфексияи коронавируси COVID-19 сабаби бӯҳрони ҷиддӣ дар соҳаи тандурустӣ гардид. Мувофиқи маълумоти Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ, ба ҳоли имрӯз дар бештар аз 195 кишвару ҳудудҳои дунё ҳодисаҳои сироятёбӣ ба COVID-19 тасдиқ шудаанд. Теъдоди сироятёфтагон ва ҳамчунин шумораи ҳодисаҳои фавт рӯз то рӯз афзоиш меёбанд. Аз ҷониби давлатҳо тадбирҳои пурвусъат ва ҷиддӣ бо ҳадафи пешгирӣ аз паҳншавии вирус ва ҳимояи гурӯҳҳои осебпазир андешида мешаванд.

Дар баробари ин нигаронӣ аз он вуҷуд дорад, ки бисёр ҳукуматҳо метавонанд аз ин ҳолат барои поймол кардани ҳуқуқҳои инсон дар кишварҳои худ суистифода кунанд. Мо, ҳамчун ҷомеаи шаҳрвандӣ, бояд ҳушёриро аз даст надиҳем ва амалҳои ҳукуматҳоро аз мавқеи ҳуқуқҳои инсон баррасӣ намоем.

Дар ин маҷмуа шарҳи меъёрҳои ҷудогонаи калидӣ дар бахши ҳуқуқҳои инсон ва принсипҳои роҳбарикунанда дар масъалаи чораҳое, ки аз ҷониби давлатҳо барои мубориза бо паҳншавии Covid-19 андешида мешаванд, пешкаш гардидааст. Зимнан таваҷҷуҳи махсус ба вазъ дар маҳбасҳо ва дигар ҷойҳои нигаҳдорӣ таҳти ҳабс, инчунин дар арсаи озодии иттилоот ва изҳори ақидаҳо дода мешавад.

Маҷмуаи мазкур мукаммал нест, балки бештар як навъ маҷмуи принсипу воситаҳои муфиди роҳбарикунанда барои истифода дар шароити бӯҳрони пандемиявӣ мебошад.

Умедворем, он ба сифати манбаи арзишманд ва амалӣ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ хизмат хоҳад кард.

# Муассисаҳои пенитенсиарӣ

## Тадбирҳо барои ҳифзи ҳуқуқҳо ҳангоми вокуниш ба бӯҳронҳо

**Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ (**Омодагӣ, профилактика ва назорати COVID-19 дар маҳбасҳо ва дигар ҷойҳои нигоҳдорӣ таҳти ҳабс. *Тавсияҳои муваққатӣ,* 15 марти с. 2020**)**

Дар пешгуфтор ба Тавсияҳои муваққатӣ, СҶТ принсипҳои зерини вокуниши матлуби тиббӣ ва таъмини шароитҳои бехатар, эътимодбахш ва инсондӯстонаи нигоҳдорӣ таҳти ҳабсро пешкаш намуд:

- Фароҳам овардани кӯмаки тиббӣ ба касоне, ки дар маҳбасҳо ва дигар ҷойҳои ҳабс нигоҳ дошта мешаванд, вазифаи давлат аст.
- Касоне, ки дар маҳбасҳо ва дигар ҷойҳои ҳабсшавӣ нигоҳ дошта мешаванд, бояд ба ҳама хизматрасониҳои тиббӣ, бидуни табъиз дар асоси мақоми ҳуқуқии онҳо дастрасӣ дошта бошанд.
- Баҳри таъмини баэътиборгирии ҷанбаҳои гендерӣ ҳангоми баррасии чораҳои фавқулодаи вокуниш ба паҳншавии COVID-19 дар маҳбасҳо ва дигар ҷойҳои нигоҳдорӣ таҳти ҳабс бояд чораҳои лозима дида шаванд.
- Муассисаҳои пенитенсиарӣ (адои ҷазо) бояд риояи ҳуқуқҳои инсонро нисбати шахсоне, ки дар ҳабс нигоҳ дошта мешаванд, таъмин намоянд; ҳамчунин алоқаро бо ҷаҳони беруна ва муҳимтар аз ҳама, дастрасӣ ба иттилоот ва хизматрасонии лозимаи тиббиро таъмин кунанд.

## Робита бо олами беруна

СҶТ (Омодагӣ, профилактика ва назорати COVID-19 дар маҳбасҳо ва дигар ҷойҳои нигоҳдорӣ таҳти ҳабс. Тавсияҳои муваққатӣ, 15 марти с. 2020)

Саҳ. 21: Баррасии масъалаи маҳдуд намудани дастрасӣ ва ҳаракат: арзёбии ҳар ҳолат ва шароитҳоро бояд кормандони маҳбас дар ҳамдастӣ бо мақомоти маҳаллии тандурустӣ анҷом диҳанд. Дар асоси натиҷаҳои арзёбӣ роҷеъ ба масъалаҳои идоркунии ҳайати кормандон ё шахсоне, ки дар маҳбас ё ҷойҳои ҳабс нигоҳ дошта мешаванд, машваратҳо пешкаш мегарданд. Дар ҳамкорӣ бо мақомоти тандурустӣ бояд масъалаи қатъи муваққатии боздидҳо аз маҳбас дар мутобиқат бо арзёбии хавфҳо дар маҳалҳо дақиккорона баррасӣ шаванд; Чораҳои мазкур бояд ҳамчунин чораҳоро оид ба коҳишдиҳии оқибатҳои номусоид дар бар гиранд, ки метавонанд ба маҳбусон таъсир расонанд.

Оқибатҳои хоса ва номутаносибро барои гурӯҳҳои гуногуни маҳбусон, ҳамчунин кӯдакон, ки ҳамроҳи волидони худ дар муассисаҳои пенитенсиарӣ зиндагӣ мекунанд, ба назар гирифтан лозим аст. Ғайр аз ин, чораҳо оид ба маҳдуд кардани ҳаракати одамон ба ҷойҳои нигоҳдорӣ таҳти ҳабс ва аз онҳо, аз ҷумла маҳдуд кардани ҳаракат дар чорчӯбаи ҳамон як низоми пенитенсиарӣ, инчунин маҳдуднамоии дастрасӣ ба ҳайати кормандони ғайриасосӣ ва меҳмонон, дар асоси баҳодиҳии муносиб ба хавфҳо, бояд дақиққорона баррасӣ карда шаванд, зеро чунин маҳдудиятҳо ба амали низоми нигоҳдорӣ таҳти ҳабс таъсири васеътар хоҳанд расонд.

Дар як қатор ҳолатҳо ин гуна чораҳо метавонанд маҳдуд намудани мулоқотҳо бо наздикон, кам кардани теъдоди боздидкунандагон ва/ё давомнокии боздидҳо, ҳамчунин басомади боздидҳоро фаро гиранд. Дар ин ҳангом бояд чораҳои алтернативӣ барои таъмини тамос бо оила ё адвокатҳо (масалан, видеоконфронсҳо ба воситаи Скайп) ҷорӣ карда шаванд.

Ба ҷуз ин, масъалаи бо истифода аз пурсишнома дар даромадгоҳи муассиса доир намудани тадқиқотро дида баромадан мумкин аст, ки онро худи боздидкунандагон пур мекунанд. Ҳадаф аз ин истисно намудани шахсоне аст, ки дар онҳо аломатҳои бемории мушоҳида мегарданд; боздидкунандагоне, ки худро бад ҳис менамоянд, бояд дар хона монда, боздидро мавқуф гузоранд; дар сурати пайдо шудани ягон нишонаю аломат, кормандони маҳбас бояд дар хона монда, барои ёрии тиббӣ муроҷиат кунанд. Аз ҷониби роҳбарияти низоми пенитенсиарӣ лозим аст протоколе таҳия гардад, ки тартиби амалро дар ин гуна ҳолатҳо, аз ҷумла амалҳоро ҳангоми ошкор намудани ҳолатҳои эҳтимолӣ ё собитшудаи сироятёбӣ бо COVID-19 ё тамосҳоро ба танзим дарорад.

**Fair Trials**, Зарурати роҳ надодан ба ҳабс бо ҳадафи ҳифзи саломатии аҳолӣ - –*дастури амалӣ*, изҳорот, ки 21 марти с. 2020 нашр гардид.

## FAIR TRIALS РОҲБАРИЯТИ МУАССИСАҲОИ ПЕНИТЕНСИАРИРО БА АМАЛҲОИ ЗЕРИН ДАЪВАТ МЕКУНАД:

- Таъмин намудани дастрасӣ ба адвокат барои шахсоне, ки дар боздошти пешакӣ қарор доранд ва дар ҳолатҳое, ки ин ғайриимкон аст – тариқи тамосҳои телефонӣ ва видеоии махфӣ, то ки боздоштшудагон ҳуқуқи дастрасӣ доштани худро ба хизматрасониҳои адвокат амалӣ карда тавонанд.
- Таъмин намудани он, ки манъи мулоқотҳои боздоштшудагон бо адвокатҳо, дӯстон ва аъзоёни оила бо шароити таҳдиди хавфҳо ва мӯҳлатҳои мушаххас маҳдуд шавад, то ки ба ҳадди имкон дастрасии шахсӣ таъмин гардад.
- Таъмин намудан бо воситаҳои ҳимоявӣ ҳамчун чораи алтернативии маҳдудсозии дастрасӣ ба адвокатҳо ва нозирон.

# Зарурати идома додани мониторинг дар ҷойҳои ҳабс дар давраи бӯҳрон

**Зеркумита оиди пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф.** *Тавсияҳо* ба кишварҳои иштирокчӣ ва механизмҳои миллии пешгирӣ дар робита ба пандемияи коронавирус (25 марти с. 2020 қабул шудаанд)

Тезисҳои асосӣ: ***«Зарар нарасон»*** ва принсипи ***«сатҳи муносиби хизматрасониҳои тиббӣ».***

## МЕХАНИЗМҲОИ МИЛЛИИ ПЕШГИРӢ:

***«ММП бояд боздидҳои пешгирикунандаро идома дода, маҳдудиятҳои заруриро нисбати тартиби боздидҳо риоя намояд».***

- ЗЗШ таъкид менамояд, ки чораҳое, ки ба манфиати тандурустии ҷамъиятӣ татбиқ мешаванд, бешубҳа, ба тартиби доир шудани боздидҳо таъсир мерасонанд, аммо ин маънии онро надорад, ки боздидҳои пешгирикунанда бояд қатъ гарданд. Баръакс, дар натиҷаи ин хатари эҳтимолии муносибати бераҳмона ба маҳбусон афзудан метавонад. ЗЗШ дар он ақида аст, ки ММП бояд боздидҳои пешгирикунандаро идома диҳад ва дар зимн маҳдудиятҳои заруриро дар мавриди тартиби анҷом додани боздидҳо риоя намояд. Айни замон махсусан муҳим аст, ки ММП қабули чораҳои самарабахшро оид ба коҳиш додани эҳтимоли муносибати ғайриинсонӣ ва таҳқири шаъну шарафи маҳбусон дар натиҷаи фишори ҷиддӣ, ки дар лаҳзаи ҷорӣ низоми нигаҳдорӣ тахти ҳабс ва роҳбарияти он аз сар мегузаронад, таъмин намоянд;

- Дар ҳолатҳое, ки речаи боздидҳо ба сабабҳои тиббӣ маҳдуд мешавад, усулҳои алтернативии таъмини тамоси маҳбусон бо аҳли оила ва олами беруна, ба монанди телефон, интернет/ почтаи электронӣ, видеоконфронсҳо ва дигар воситаҳои мувофиқи электронӣ пешбинӣ гарданд. Ин навъ тамосҳоро дастгирӣ ва ташвиқ кардан лозим аст, онҳо бояд доимӣ ва ройгон бошанд;
- Ба аҳли оила ва ё хешовандон муҳайё намудани имконияти таъмин кардани боздоштшудагон бо озуқаворӣ ва ашёи дигар дар мутобиқат бо амалияи муқарраргашта ва бо риояи лозимаи чораҳои зарурии ҳимоявӣ;
- Пешгирӣ аз суистифода аз ҷудогузории тиббӣ ба сифати ҳабси танҳои интизомӣ; ҷудогузории тиббӣ бояд дар асоси хулосаи тиббии мустақилона, мутаносиб, аз рӯйи вақт маҳдуд ва бо риояи кафолатҳои тартиботӣ татбиқ шавад;
- Ба маҳбусон таъмин намудани имкони дастрасии максималӣ ба ёрии тиббӣ берун аз муассисаи пенитенсиарӣ;

- Дар хотима, ЗЗШ аз он мегӯяд, ки муддати идомаёбии пандемия ва оқибатҳои онро аниқ пешгӯӣ кардан номумкин аст. Равшан аст, ки паҳншавии вирус аллакай ба ҳамаи аъзоёни ҷомеа таъсири амиқ расонда истодааст ва ин таъсир ҳоло боз тӯли муддати назаррас идома меёбад. Фаъолияти ЗЗШ ва ММП бояд ба принсипи «зарар нарасон» асос ёбад. Ба он маънӣ, ки ММП бояд усулҳои кори худро ба вазъияте, ки аз сабаби пандемия ба миён омадааст, мутобиқ намоянд, то ки ҷомеа, кормандони муассисаҳои пенитенсиарӣ, маҳбусон ва худро ҳимоя кунанд. Ченаки асосӣ бояд самарабахшии пешгирӣ аз муносибати бераҳмона нисбати шахсони маҳрум аз озодӣ бошад. Дар натиҷаи аз ҷониби давлатҳо андешида шудани чораҳои фавқулода параметрҳои пешгирӣ аз муносибати бераҳмона васеъ карда шуданд. ЗЗШ ва ММП бояд барои посух додан ба чолишҳои нав, ки онҳо ҳангоми амалӣ кардани ваколатномаҳои ПФКЗШ (Протоколи факултативии Конвенсияи зидди шиканҷа)-и худ рӯ ба рӯ мешаванд, эҷодкорӣ ва ихтироъкорӣ намоиш диҳанд.

# Таъмини ҳуқуқҳои гурӯҳҳои аз ҳама осебпазири маҳбусон

**РКОҲИ/СҶТ**, КБХ *Дастури муваққатӣ* «COVID 19: Бо таваҷҷуҳи асосӣ ба шахсони аз озодӣ маҳрум, 27 марти с. 2020

Ба ҳукуматҳои давлатҳо як қатор паёмҳои калидӣ бо даъвати исроркорона ба амалҳои зерин ирсол мегардад:

- Омӯхтани вазъ дар марказҳои нигоҳдорӣ тахти ҳабс ва ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ, аз ҷумла марказҳои нигоҳдорӣ тахти ҳабс ва марказҳои барқароркунӣ барои ноболиғон, бо назардошти талаботи мушаххас нисбати манъи табъиз ва дастрасии баробар ба нигоҳубину хизматрасониҳои тиббӣ ва таваҷҷуҳи хоса ба маҳбусоне, ки ба гурӯҳҳои осебпазир ё гурӯҳҳои дорои хавфи баланд, аз қабили одамони солхӯрда, занҳо, кӯдакон ва маъюбон, тааллуқ доранд. Азбаски дар ин хел шароитҳои маҳкам ва маҳдуд хавфи баланди беморшави одамон вуҷуд дорад, ба муҳокимаи масъалаи ҳифзи қонуният, зарурат ва мутаносибии ин гуна чораҳо бо назардошти хавфҳои мавҷуда ва алтернативаҳои имконпазир бо тарафҳои манфиатдор шуруъ кардан мебояд;
- Ба роҳ мондани амалҳои якҷоя бо тарафҳои асосии манфиатдор: Ҳамоҳангсози доимӣ/ Ҳамоҳангсоз оид ба масъалаҳои гуманитарӣ ва гурӯҳҳои кишварии Созмони Милали Муттаҳид, ҳамчунин мақомоти салоҳиятдор дар сатҳҳои миллӣ ва зермиллӣ (мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва пенитенсиарӣ, кормандони хадамоти муҳоҷират, муассисаҳои ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти таъминоти иҷтимоӣ, мақомоти судӣ), инчунин вазоратҳо (корҳои дохилӣ, адлия, тандурустӣ ва ғ.) бо ҳадафи шуруи муҳокимаҳо ва пешкаши машваратҳои техникӣ дар масоили истифодаи санадҳо бо паёмҳои калидӣ. Дар рафти муҳокимаҳои якҷоя бо тарафҳои асосии манфиатдор масъалаи оқибатҳои ҳар гуна вазъиятҳои фавқулода ва чораҳои мушаххасро, ки дар робита ба вазъ дар марказҳои нигоҳдорӣ тахти ҳабс андешида мешаванд, доир ба имконияти эҳтимолии озодкунӣ ва/ё алтернативаҳо ба нигоҳдорӣ тахти ҳабс, ки ба маҳрумият аз озодӣ алоқаманд нестанд, бояд баррасӣ шаванд. Дар мавриди шахсоне, ки нисбати онҳо чораҳои марбут ба нигоҳдорӣ тахти ҳабс ё маҳдудияти озодии ҳаракат зарурӣ ва муносиб мебошанд, бояд чораҳо оид ба таъмини омодагӣ ба идора кардани хавфҳо таҳия шаванд. Ба шабакаҳои ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои миллии ҳифзи ҳуқуқ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба ҷойҳои нигоҳдорӣ тахти ҳабс дастрасӣ доранд, иттилоот ҷамъ овардан, баргузор намудани арзёбиҳои ҳолати саломатӣ, фаъол кардани мониторинги вазъ дар ҷойҳои нигоҳдорӣ тахти ҳабс ва пайдо намудани имкониятҳо барои баланд бардоштани огоҳӣ зарур аст. Мақомоти назоратӣ, ки барои татбиқи қонунҳо дар ҷойҳои нигоҳдорӣ тахти ҳабс масъуланд, аз ҷумла муассисаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои дигар, ки ваколатномаҳои дахлдори назоратӣ доранд, бояд мисли пешина ба ҷойҳои нигоҳдорӣ тахти ҳабс дастрасӣ дошта бошанд. Дар ҳолатҳое, ки ин гуна мақомот дар мутобиқат бо Протоколи Факултативӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа таъсис меёбанд, онҳо механизмҳои миллии пешгириро дар бар мегиранд.
- Ҳал намудани масъалаи шумораи барзиёди маҳбусон дар маҳбасҳо, озод намудани шахсони алоҳида, аз ҷумла кӯдакон, шахсони гирифтор ба бемориҳои вазнин, шахсони дараҷаи хавфнокиашон паст ва шахсоне, ки қонунвайронкуниҳои хурд содир намудаанд; Таваҷҷуҳи аввалиндараҷаро ба шахсоне, ки мӯҳлати ҳабсашон ба охир мерасад ва онҳое, ки барои ҷиноятҳое маҳкум шудаанд, ки ҳуқуқи байналмилалӣ

эътироф намекунад, бояд дод.

- Ба кор бурдани алтернативаҳое, ки ба маҳрумсозӣ аз озодӣ алоқаманд нестанд, нисбати муҳоҷирон;

- Заминаи ҳуқуқии боздоштро дақиқкорона омӯхта, озод намудани ҳар шахсе, ки боздошти ӯ худсарона аст ё аз сабаби дигаре ба меъёрҳои дохилӣ ё байналмилалӣ мувофиқ нест;

- Риоя намудани меъёрҳои байналмилалӣ, ки дар онҳо таъкид мегардад, давлатҳо бояд ба шахсоне, ки таҳти ҳабс нигоҳ дошта мешаванд, сарфи назар аз шаҳрвандӣ, миллат ё мақоми муҳоҷирӣ, дастрасиро ба ҳамон сатҳи хизматрасониҳои тиббӣ таъмин намоянд, ки дар ҷомеа дастрасанд.

- Таъмин кардани он, ки ҳамаи чораҳо оид ба нигоҳдорӣ таҳти ҳабс, ки бо ҳадафи коҳиш додани хавфҳо ба саломатии аҳолӣ андешида мешаванд, аз ҷумла нисбати шахсоне, ки аз кишварҳои дигар меоянд, зарурӣ, мутаносиб бошанд ва мунтазам мавриди бознигарӣ қарор гиранд; худсарона ё табъизӣ набошанд ва ба арзёбии инфиродӣ асос ёбанд, қонунан мутобиқи расму тартиботи истифодашаванда ва кафолатҳои мурофиавӣ тасдиқ шуда бошанд, дар фосилаи маҳдуди вақт амал кунанд ва мавриди бознигарии мунтазам қарор дода шаванд, ҳамчунин ба меъёрҳои байналмилалӣ созгор бошанд. Аз мушкилоти соҳаи тандурустӣ набояд барои боздоштҳои пайвастаи шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои муҳоҷирон, аз ҷумла гурезаҳо суистифода шавад.

**Шӯрои Аврупо**, Кумитаи аврупоӣ оид ба пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф (КАПШ), *Маҷмуаи принсипҳо*, ки ба муносибат бо шахсони аз озодӣ маҳрум дахл доранд, дар шароити пандемияи инфексияи коронавирус (COVID-19) аз 20 марти с. 2020:

- Принсипи бунёдӣ аз зарурати андешидани тамоми чораҳои имконпазир барои ҳимояи саломатӣ ва амнияти ҳамаи шахсоне иборат аст, ки дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ қарор доранд. Татбиқи ин гуна чораҳо ҳамчунин ба ҳимояи сиҳатӣ ва бехатарии кормандон мусоидат мекунад.

- Принсипҳои роҳбарикунандаи СҶТ оид ба мубориза алайҳи пандемия, ҳамчунин қоидаҳои миллии тиббӣ-санитарӣ ва клиникӣ, ки ба меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқанд, бояд риоя ва дар ҳаҷми пурра дар тамоми ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ иҷро гарданд.

- Зиёд кардани шумораи кормандон, ҳамчунин ба онҳо пешкаш кардани дастгирии касбӣ, воситаҳои ҳимоявӣ ва бехатарӣ, инчунин тренингҳои лозима барои идома додани фаъолият дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ зарур аст.

- Ҳар навъ чораҳои маҳдудсоз нисбати шахсони аз озодӣ маҳрум бо ҳадафи пешгирӣ аз паҳншавии COVID-19 бояд асосҳои қонунӣ дошта бошанд, зарур, мутаносиб, ба эҳтиром ба шаъни инсон асосёфта ва аз лиҳози вақт маҳдуд бошанд. Ҳар гуна маълумот дар хусуси ин хел чораҳо бояд барои шахсони аз озодӣ маҳрум ба забони барои онҳо фаҳмо дастрас бошад.

- Азбаски тамосҳои зичи шахсӣ ба паҳншавии вирус мусоидат мекунанд, тамоми мақомоти дахлдори ҳукуматӣ бояд дар ҳамоҳангӣ барои татбиқи алтернативаҳо ба маҳрумият аз озодӣ талош варзанд. Амалӣ кардани ин тарзи кор хусусан дар ҳолати барзиёд будани шумораи маҳбусон дар маҳбасҳо зарур аст. Ғайр аз ин, ҳукумат бояд бештар аз алтернативаҳои ҳабс дар интизории суд, кам кардани мӯҳлатҳои ҳабс дар маҳбас, озодкунии шартии пеш аз мӯҳлат ва озмоиш рӯ орад; зарурати идома додани таҷрибаи ҷойдиҳии маҷбурӣ ба беморхонаҳои психиатрӣ (маризиҳои рӯҳӣ), баррасӣ намудани имконияти ҷавоб додани дармонгирандагон ё расондани ёрии тиббӣ-иҷтимоӣ ба онҳо бояд истифода

намояд. Илова бар ин, ҳаддалимкон аз боздошти муҳоҷирон худдорӣ бояд кард.

- Дар мавриди пешкаш намудани ёрии тиббӣ, таваҷҷуҳҳи махсус бояд ба эҳтиёҷоти шахсоне дода шавад, ки таҳти ҳабс қарор доранд, хоса ба гурӯҳҳои осебпазир ва гурӯҳҳои хавфпазир, аз ҷумла одамони солхӯрда ва шахсони дорои бемориҳои музмин. Ин, аз ҷумла, таҳқиқро барои муайян кардани мавҷудияти COVID-19 ва дар сурати зарурат таъмин намудани дастрасӣ ба муолиҷаи шиддатнокро пешбинӣ мекунад. Ба ҷуз ин, дар марҳилаи мазкур ба шахсони ҳабсшуда бояд кӯмаки иловагии равонӣ аз ҷониби кормандони муассисаи пенитенсиарӣ расонда шавад.

- Дар ҳоле ки қатъи муваққатии ҳар гуна навъҳои камаҳамияти фаъолият асоснок ва мантиқӣ аст, ҳуқуқҳои асосии шахсоне, ки дар замони пандемия таҳти ҳабс нигоҳ дошта мешаванд, бояд дар ҳаҷми пурра риоя шаванд. Ин, аз ҷумла, ҳуқуқи риояи гигиенаи зарурии шахсӣ (аз ҷумла дастрасӣ ба оби гарм ва собун) ва ҳуқуқ ба сайругашти ҳаррӯза (тӯли на кам аз як соат) дар ҳавои кушодро пешбинӣ мекунад. Ғайр аз ин, ҳар гуна маҳдудсозии робитаҳо бо олами беруна, аз ҷумла мулоқотҳо, бояд бо афзоиши дастрасӣ ба воситаҳои алтернативии алоқа (мисли телефон ё алоқаи овозӣ тариқи интернет) ҷуброн шавад.

- Дар сурати ҷудогузорӣ ё ба карантин ҷой додани шахсе, ки бо вируси SARS-CoV-2 сироят ёфтанаш тасдиқ шудааст ё тахмин мешавад, ба ӯ бояд имкони ҳаррӯзаи тамос бо одамони дигар таъмин гардад.

- Кафолатҳои асосӣ зидди муносибати бераҳмона нисбати шахсоне, ки аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳти ҳабс нигоҳ дошта мешаванд (дастрасӣ ба адвокат, дастрасӣ ба табиб, огоҳсозӣ аз боздошт), бояд дар ҳар шароиту вақт комилан риоя шаванд. Дар баъзе ҳолатҳо метавонанд чораҳои эҳтиётӣ бамаврид бошанд (масалан, талаби он, ки шахсони дорои аломатҳои беморӣ ниқобҳои ҳимоявӣ пӯшанд).

- Назорат аз ҷониби мақомоти мустақил, аз ҷумла механизмҳои миллии пешгирӣ (ММП) ва ПЗШ, ҳанӯз ҳам кафолати муҳим аз муомилаи бераҳмона боқӣ мемонад. Давлатҳо бояд минбаъд ҳам ба механизмҳои мониторинги ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ дастрасиро ба ҳама ҷойҳои нигоҳдорӣ таҳти ҳабс, аз ҷумла ҷойҳои нигоҳ дошта шудани шахсоне, ки дар карантинанд, кафолат диҳанд. Дар баробари ин, мақомотҳои назоратӣ вазифадоранд бо риояи тамоми чораҳои эҳтиётӣ принсипи «зарар нарасон» -ро пайгирӣ намоянд, аз ҷумла нисбати шахсони солхӯрда ва шахсони гирифтор ба бемориҳои музмин.

**Шӯрои Аврупо**, Изҳороти Комиссар оид ба ҳуқуқҳои инсон Дуня Миятович, Пандемия COVID-19: «Барои ҳифзи ҳуқуқҳои маҳбусон дар Аврупо бояд чораҳои таъҷилӣ андешида шаванд», 6 апрели с. 2020

Комиссар оид ба ҳуқуқҳои инсон боисрор аз давлатҳои аъзо даъват ба амал меорад, ки:

- Ҳуқуқҳо ва саломатии тамоми шахсоне, ки дар ҳабс қарор доранд, дар замони пандемияи ҷаҳонии COVID-19 ҳифз карда шаванд.

- Тамоми чораҳои дастраси алтернативӣ ба маҳрумият аз озодӣ, ҳар гоҳе ки ин имконпазир аст, бидуни табъиз ба кор бурда шаванд.

- Риояи ҳуқуқҳои ҳамаи онҳое, ки маҳрум аз озодӣ боқӣ мемонанд, дар замони пандемияи COVID-19, бо назардошти эҳтиёҷоти махсуси занон ва ноболиғони маҳбус таъмин карда шавад.

## КОМИССАР ОИД БА ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН БА ДАВЛАТҲО ХОТИРРАСОН МЕКУНАД, КИ:

- Ҳар гуна чораҳои маҳдудсоз, ки нисбати касони дар шароити ғайриозод қарордошта қабул мегарданд, бояд зарурӣ, мутаносиб, ғайритабъизӣ, бо муҳлати маҳдуд ва шаффоф бошанд. Масалан, агар маҳдудиятҳо дар мавриди мулоқот бо хешовандону наздикон ё дигар тамосҳо бо олами беруна зарур ба назар расанд, онҳо бояд ҳатман ба усулҳои алтернативӣ, аз қабили дастрасии васеъ ба алоқаи телефонӣ ё видеоӣ иваз карда шаванд.

- Хосияти мутлақи манъи шиканча ва муносибати бераҳмона ҳеҷ гоҳ набояд тариқи чораҳое поймол шавад, ки дар маҳбасҳо андешида мешаванд, аз ҷумла вақти ҷудогузорӣ дар асоси талаботи тиббӣ.

- Тамоми чораҳо барои ҳифзи ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатии маҳбусон ва кормандони маҳбасҳо дар мувофиқа бо тавсияҳои Бюрои минтақавии аврупоии СҶТ бояд андешида шаванд.

- Дастрасии маҳбусон ба иттилоот, ёрии ҳуқуқӣ ва механизмҳои мустақили пешкаши арзу шикоятҳо бояд идома ёбад.

- Механизмҳои мониторинги ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ бояд имкони идома додани назорати вазъро дошта бошанд ва зимнан ба хотири ба хавфи иловагӣ дучор накардани одамон чораҳои эҳтиётӣ андешанд (принсипи «зарар нарасон»).

- Бояд таъҷилан нақшаи инсондӯстона ва фарогири бӯҳронӣ қабул ва татбиқаш оғоз гардад. Он бояд ба захираҳои кифояи инсонӣ ва молиявӣ асос ёбад, ки эҳтиёҷоти онҳоеро, ки ҷойҳои маҳрумият аз озодиро тарк мекунанд ва ё дар ин муассисаҳо мемонанд, ҳамчунин кормандони маҳбасҳоро ба инобат гирад. Инро дар ҳамкорӣ бо тарафҳои дахлдори манфиатдор дар соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла механизмҳои миллии пешгирӣ ва ё дигар муассисаҳои мустақили назоратбаранда, сохторҳои миллӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон, ҳамчунин ТҶ-и ҳифзи ҳуқуқ анҷом бояд дод.

**Ислоҳоти байналмилалии маҳбас**, Коронавирус: ҳифзи тандурустӣ ва риояи ҳуқуқҳои инсон дар мавриди касоне, ки дар маҳбасҳо қарор доранд, 16 марти с. 2020;

Тезисҳои асосӣ: Принсипҳои «зарар нарасон», шаффофият, баробарӣ, инсонпарварӣ арзишҳое мебошанд, ки бояд бахши адлияи ҷиноӣ дар мубориза бо коронавирус дастури кори худ қарор диҳад.

- Ҳама гуна маҳдудсозиҳои робитаҳо бо олами беруна бояд мутаносиб, аз ҷумла аз рӯйи вақт маҳдуд ва ғайритабъизӣ бошанд.
- Дар ҳоле маҳдудиятҳо ба боздидҳои шахсӣ ё тамосии одамоне, ки таҳти ҳабс қарор доранд, метавонанд қонунӣ, ба хотири пешгирӣ аз хурӯҷи COVID-19 дар муассисаҳо бошанд, ба ҳукуматҳое, ки чунин чораҳоро амалӣ мекунанд, сиёсати фарогир ва шаффофи қабули қарорҳо зарур аст.

- Маҳдудиятҳо бояд ҳаҷми мутаносиб ба мақсади пешгирии (ё вокуниш ба) хурӯҷи вирус дошта бошанд.

- Боздидҳои тамосӣ бояд ба воситаҳо ва имкониятҳои алоқаи бештар бо олами беруна, масалан тавассути телефон, почтаи электронӣ ё занги видеоӣ иваз карда шаванд.

- Ҳангоми гирифтани тасмим оид ба маҳдудсозӣ ё манъи боздидҳо ба эътибор гирифтан зарур аст, ки тамос барои некуаҳволии рӯҳии касоне, ки таҳти ҳабс қарор доранд, аҳамияти муҳим дорад ва метавонад сатҳи зӯровариро коҳиш диҳад. Дар бисёр кишварҳо боздидкунандагон метавонанд ба маҳбусон захираҳои хӯрок, нӯшокиҳо, ашёҳои беҳдоштӣ ва доруворӣ биёранд.

- Ба ғайр аз ин, маҳдуд шудани боздидҳо бо амри намояндагони қонунӣ метавонад боис ба болоравии сатҳи изтироб шавад ва ба ҳуқуқи баррасии одилонаи судӣ таъсир расонад.
- Барои онҳое, ки кӯдаконро нигоҳубин мекунанд, ҷудоӣ аз кӯдакон метавонад як қатор оқибатҳоро ҳам барои шахсе, ки кӯдакро нигоҳубин мекунад ва ҳам барои кӯдак (кӯдакон) дар пай орад.
- Ҳар гуна қарор бояд бе таъхир ба маълумоти тамоми шахсони дахлдор бо иттилои возеҳ дар бораи маҳдудиятҳо ва муҳлатҳои бознигарӣ ё бекоркунии сиёсати мазкур расонда шавад.

## Зарурати ихтисор намудани шумораи маҳбусон

**Fair Trials**, Зарурати роҳ надодан ба нигаҳдорӣ дар ҳабс бо мақсади ҳифзи тандурустии аҳолӣ – *дастури амалӣ,* изҳороте, ки 21 марти с. 2020 ба табъ расидааст

Fair Trials боисрор аз кулли мақомоти судӣ ва мақомоти низоми адлияи ҷиноятӣ даъват ба амал меорад, ки барои бетаъхир ихтисор кардани теъдоди касоне, ки то суд тахти ҳабс қарор мегиранд, бо назардошти сабабҳои марбут ба ҳифзи тандурустӣ ва бехатарии аҳолӣ чораҳои фаврӣ амалӣ карда шаванд ва нигоҳдорӣ тахти ҳабс то суд танҳо ба сифати чораи ниҳоӣ татбиқ гардад.

# Озодии изҳори ақидаҳо/ дастрасӣ ба иттилоот

**СММ/САҲА/КБҲИ**, COVID-19: Давлатҳо вазифадоранд ба дастрасии иттилоот мусоидат намоянд ва мубодилаи озоди иттилоотро дар замони пандемияи COVID-19 ҳифз кунанд, изҳор доштанд коршиносон оид ба масоили озодии воситаҳои ахбори оммаи байналмилалӣ (варақаи матбуотии муштараки Дэвид Кайе, Гузоришгари вижаи СММ доир ба масъалаҳои ташвиқ ва ҳифзи ҳуқуқ ба озодии ақидаҳо ва баёни озоди онҳо; Арлем Дезир, Намояндаи САҲА оид ба масоили ВАО ва Эдисон Ланз, Гузоришгари вижа доир ба масъалаҳои озодии баёни Комиссияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон)

**ТЕЗИСҲОИ АСОСӢ:**

- Давлатҳо вазифадоранд иттилооти эътимодбахшро бо усули барои ҳама дастрас пешкаш намоянд ва зимнан ба таъмини дастрасӣ ба иттилоот баҳри маъюбон ва онҳое, ки дастрасияшон ба интернет маҳдуд аст, таваҷҷуҳи хоса диҳанд.

- Мавҷудияти дастрасӣ ба интернет дар замони бӯҳронӣ аҳамияти муҳим дорад. Хеле муҳим аст, ки давлатҳо аз қатъ намудани дастрасӣ ба интернет худдорӣ намоянд; маҳдудсозиҳои калонмиқёси дастрасӣ ба интернет наметавонанд бо андешаҳои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ё амнияти миллӣ сафед карда шаванд.

- Давлатҳо бояд барои ҳифзи фаъолияти касбии хабарнигорон талошҳо пеш гиранд; дар давраи ҳолатҳои фавқулода, ки аз сабаби хатар барои саломатии шаҳрвандон ба миён меоянд, журналистика яке аз вазифаҳои калидиро иҷро мекунад, хусусан ҳангоме ки он ба фароҳам овардани маълумоти муҳим оид ба ҳолати бӯҳронӣ ва назорат аз болои фаъолияти давлат равона аст.

- Дар робита ба мушкили дезинформатсия (паҳн кардани иттилооти бардурӯғ, дурӯғпароканӣ) хеле муҳим аст, ки маҳз давлатҳо ва ширкатҳои интернетӣ масъалаи дезинформатсияро ҳал намоянд – дар навбати аввал бо роҳи ба ҳама пешниҳод кардани иттилооти саҳеҳ. Ин метавонад дар шакли пешкаши босуботи иттилоот ба аҳолӣ, паҳн намудани паёмҳои иттилоотӣ-таблиғӣ ва расондани кӯмаки фаврӣ ба ширкатҳои ҷамъиятии пахши иттилоот ва журналистикаи минтақавӣ амалӣ карда шавад (масалан, бо роҳи ҷой додани рекламаи давлатӣ дар мавзӯи тандурустӣ).

# Истифода аз воситаҳои техникии назорат

**СММ/САҲА/КБҲИ**, COVID-19: Давлатҳо вазифадоранд ба дастрасии иттилоот мусоидат намоянд ва мубодилаи озоди иттилоотро дар замони пандемияи COVID-19 ҳифз кунанд, иброз доштанд коршиносон оид ба масъалаҳои озодии воситаҳои ахбори оммаи байналмилалӣ (Варақаи матбуотии муштараки Дэвид Кайе, Гузоришгари вижаи СММ доир ба масъалаҳои ташвиқ ва ҳифзи ҳуқуқ ба озодии ақидаҳо ва баёни озоди онҳо; Арлем Дезир, Намояндаи САҲА оид ба масъалаҳои ВАО ва Эдисон Ланз, Гузоришгари вижа оид ба масъалаи озодии баёни Комиссияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон)

## ТАВСИЯҲОИ АСОСӢ БА ДАВЛАТҲО:

- Ниҳоят муҳим аст, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ доир ба хусусияти хатаре, ки коронавирус пеш меорад, иттилооти воқеӣ пешкаш намоянд. Мувофиқи қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқҳои инсон давлатҳо вазифадоранд иттилооти эътимодбахшро бо усули барои ҳама дастрас пешкаш намоянд, дар зимн таваҷҷуҳи махсусро ба таъмини дастрасӣ ба иттилоот баҳри шахсони дорои маъюбӣ ва онҳое равона созанд, ки дастрасиашон ба интернет маҳдуд аст. Маҳз дар шароити вазъи фавқулода, вақте дастрасӣ ба маълумот аҳамияти ҳалкунанда дорад, маҳдудиятҳои калонмиқёсро дар интернет наметавонанд мақсадҳои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ё амнияти миллӣ сафед кунанд.
- Мавҷудияти дастрасӣ ба интернет дар замони вазъиятҳои бӯҳронӣ аҳамияти хосатан муҳим дорад. Ниҳоят муҳим аст, ки давлатҳо аз қатъ намудани дастрасӣ ба интернет худдорӣ намоянд. Дар ҳолатҳое, ки дастрасӣ ба интернет қатъ мегардад, давлатҳо бояд ба таъмини бетаъхири дастрасӣ ба хизматрасониҳои ҳаддалимкон босуръат ва васеи интернетӣ авлавият диҳанд.
- Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот маънии онро дорад, ки давлатҳо бояд талошҳои истисноиро барои ҳифзи фаъолияти касбии журналистон амалӣ кунанд. Дар давраи вазъиятҳои фавқулода, ки аз сабаби хатар ба саломатии шаҳрвандон ба вуҷуд омадаанд, журналистика яке аз вазифаҳои калидиро иҷро мекунад, махсусан агар он ба фароҳам овардани иттилооти муҳим доир ба ҳолати бӯҳронӣ ва назорат аз болои фаъолияти давлат равона бошад. Дар иртибот ба ин, мо боисрор давлатҳоро даъват мекунем, ки риояи қонунҳои миллӣ дар бораи озодии маълумотро босамар таъмин намоянд, то ки ҳамаи одамон, хоса журналистон, ба иттилоот дастрасии бемонеа дошта бошанд.
- Мо низ аз он, ки иттилои барьало дурӯғин дар бораи пандемия метавонад ба вазъи саломатии одамон таъсири манфӣ расонад, ҳамчунин воҳимаангезӣ ва вайроншавии тартиботро дар пай орад, нигарон ҳастем. Дар масъалаи дезинформатсия ниҳоят муҳим аст, ки маҳз давлат ва ширкатҳои фароҳамоварандаи интернет мушкили дезинформатсияро ҳал кунанд, дар навбати аввал тариқи ба ҳама пешкаш кардани иттилооти ҳақиқатнигорона. Ин метавонад дар шакли иттилоърасонии суботкорона ба аҳли ҷомеа, паҳн намудани паёмҳои иттилоотӣ-таблиғӣ ва расондани кӯмаки фаврӣ ба ширкатҳои ҷамъиятии паҳши иттилоот ва журналистикаи минтақавӣ (масалан, бо роҳи ҷой додани рекламаи давлатӣ дар мавзӯи тандурустӣ) амалӣ шавад. Ҷорӣ намудани чораҳои дигар, аз қабили хориҷ намудани мавод ва ворид кардани сензура метавонад ба маҳдудшавии дастрасӣ ба иттилооти барои ҳифзи солимии ҷомеа муҳим барад ва бояд танҳо дар ҳолатҳое рух диҳад, ки ин чораҳо ба талаботи зарурат ва мутаносибӣ ҷавобгӯ бошанд. Ҳар гуна кӯшишҳои ҷиноӣ кардани иттилооти марбут ба пандемия метавонанд боиси кам шудани эътимод ба манбаъҳои соҳавӣ гарданд, дастрасӣ ба иттилооти воқеиро ба таъхир

андозанд ва ба озодии баёни ақида таъсири манфӣ расонанд.

- Мо афзоиши истифода аз таҷҳизоти техникии назоратро барои пайгирии паҳншавии коронавирус қайд мекунем. Бо ҳусни тафоҳум ва дастгирӣ ба зарурати татбиқи талошҳои фаъолона дар мубориза бо пандемия муносибат карда, маҳдуд намудани истифодаи ин навъ таҷҳизот аз диди ҳадафҳо ва муҳлатҳои корбурди онҳо, ҳамчунин бо назардошти ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ, роҳ надодан ба табъиз, ҳифзи сарчашмаҳои журналистии иттилоот ва озодиҳои дигар ниҳоят муҳим аст. Давлатҳо ҳамчунин бояд ҳимояи маълумоти шахсии беморонро таъмин намоянд. Мо исроркорона ба риоя намудани чораҳои қатъитарини ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ҳангоми ҳар навъ корбурди технологияҳои монанд ва ворид намудани онҳо дар мутобиқат бо қонунгузории миллӣ, ки ба меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҷавобгӯ бошанд, даъват мекунем.

**Article 19**, COVID-19: Давлатҳое, ки технологияҳои назорати электрониро барои мубориза бо пандемия ба кор мебаранд, бояд ба ҳуқуқи инсон арҷ гузоранд. *Изҳорот* 2 апрели соли 2020 нашр шудааст.

## ТАВСИЯҲОИ АСОСӢ:

- Чораҳои назоратӣ, ки барои мубориза алайҳи пандемия ба кор бурда мешаванд, бояд қонунӣ, зарурӣ ва мутаносиб бошанд. Онҳо бояд аз сӯи қонун пешбинӣ гардида, бо ҳадафҳои қонунӣ дар соҳаи тандурустӣ, ки мақомоти дахлдори тандурустӣ таҳия намудаанд, асоснок шуда ва ба талаботи мазкур мутаносиб бошанд. Хукуматҳо бояд принсипҳои шаффофиятро нисбати чораҳое, ки меандешанд, риоя намоянд, то ки чораҳои мазкурро дақиқкорона омӯхтан ва пасон дар сурати зарурат такмил додан, бекор ё рад кардан мумкин шавад. Мо наметавонем ба он роҳ диҳем, ки пандемияи COVID-19 узр барои ғайриинтихобӣ ва оммавӣ зери назорат қарор додани одамон шавад.

- Агар ҳукуматҳо ваколатҳоро оид ба мониторинг ва мушоҳидаи шаҳрвандон васеъ намоянд, ин гуна ваколатҳо бояд муҳлати маҳдуди эътибор дошта бошанд ва дар давоми танҳо он вақте амалӣ гарданд, ки барои бартараф кардани пандемияи ҷорӣ зарур аст. Мо наметавонем ба он роҳ диҳем, ки пандемияи COVID-19 назорати бемуҳлати шаҳрвандонро сафед кунад.

- Давлат бояд ҷиҳатеро таъмин намояд, ки ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ ва ғундоштани маълумоти шахсӣ, аз ҷумла маълумоте, ки ба вазъи саломатӣ вобаста аст, танҳо барои ҳадафҳои вокуниш ба пандемияи COVID-19 равона шавад. Маълумоти бадастомада, ҳифзшуда ва баҳамоварда барои вокуниш ба пандемия бояд аз рӯйи фарогирӣ маҳдуд бошанд, кор бо онҳо бояд аз нигоҳи вақт бо давраи алоқаманд бо пандемия маҳдуд гардад. Онҳо набояд барои ҳадафҳои тиҷоратӣ ва ё ҳар навъ ҳадафҳои дигар истифода шаванд. Мо наметавонем ба он роҳ диҳем, ки пандемияи COVID-19 поймолшавии ҳуқуқи инсонро ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ сафед кунад.

- Ҳукуматҳо бояд барои ҳимояи маълумоти шахсии аҳолӣ тамоми чораҳоро андешанд, аз ҷумла ба хотири таъмини бехатарии кофии ҳама гуна ахбори шахсӣ, ки бо истифода аз ҳар навъ таҷҳизот, замима, бо ёрии ҳар хел шабака ва хадамотҳое, ки дар ҷамъоварӣ, ирсол ва коркарду ҳифзи иттилоот ширкат меварзанд, ғун дошта шудаанд. Ҳама гуна исрорҳо доир ба он, ки маълумот бе зикри ном аст, бояд ба далелҳо асос ёбанд ва бо иттилооти кофӣ доир ба он, ки ноилшавӣ ба принсипи беномӣ чӣ гуна даст медиҳад, тасдиқ шаванд. Мо наметавонем ба он роҳ диҳем, ки кӯшишҳои вокуниш ба пандемияи мазкур барои сафед кардани бадномсозии амнияти рақамии шаҳрвандон истифода шаванд.

- Ҳар гуна истифодаи технологияҳои поишҳои электронӣ дар посух ба COVID-19, аз ҷумла big data ва корбурди ақли сунъӣ бояд хавфи онро ба назар гирад, ки ин воситаҳо барои табъиз ва дигар навъ поймолкуниҳои ҳуқуқҳои инсон нисбати ақаллиятҳои нажодӣ, шахсоне, ки дар қашшоқӣ зиндагӣ мекунанд ва дигар гурӯҳҳои дарканормондаи аҳолӣ, ки ниёзҳо ё вазъи зиндагии онҳо метавонанд дар маҷмӯаҳои калони маълумот нокифоя ё нодуруст инъикос ёбанд, мусоидат менамоянд. Мо наметавонем роҳ диҳем, ки пандемияи COVID-19 рахнаеро, ки аз сабаби ба андозаҳои мухталиф аз ҷониби намояндагони гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа амалӣ шудани ҳуқуқҳои инсониашон ҷой дорад, васеъ кунад.

- Агар ҳукуматҳо доир ба мубодилаи ахбор бо дигар ташкилотҳои бахши давлатӣ ё хусусӣ созишномаҳо банданд, амали мазкур бояд дар асоси қонун анҷом ёбад, далели бастани ин навъ созишномаҳо ва маълумотҳои зарур барои баҳодиҳӣ ба таъсири онҳо ба махфият ва ҳуқуқҳои инсон бояд дар шакли хаттӣ ба маърази ом гузошта шавад. Дар зимн онҳо муқарраротро доир ба маҳдудияти муҳлати созишнома, механизмҳои назорати ҷамъиятӣ дар бар дошта, дигар кафолатҳои ҳуқуқиро, сарфи назар аз зикршавӣ, дар назар мегиранд. Субъектҳои хоҷагидорӣ, ки ба талошҳои ҳукумат дар мубориза алайҳи COVID-19 ҷалб шудаанд, бояд эҳтиёткории лозима намоиш дода, кафолат диҳанд, ки ба ҳуқуқҳои инсон арҷ мегузоранд ва ҳимояи ҳар гуна амалҳои худро аз дахолати дигар манфиатҷӯёни тиҷоратӣ ва расмӣ таъмин менамоянд. Мо наметавонем роҳ диҳем, ки пандемияи COVID-19 нигоҳ доштани мардумро дар ҳолати ноогаҳӣ аз он, ки ҳукуматҳо кадом маълумотро ҷамъ меоранд ва ба ҷониби сеюм месупоранд, сафед кунад.

- Ҳар гуна чораҳои ҷавобӣ бояд механизмҳои ҳисоботдиҳӣ ва ҳимоя аз суистифодаро дар бар гиранд. Васеъ кардани механизмҳои поиш, ки ба COVID-19 робита дорад, набояд ба доираи масъулиятҳои хадамоти иктишофӣ ё хадамоти амният дарояд ва бояд мавриди назорати самарабахш аз ҷониби мақомоти дахлдори мустақил қарор гирад. Бар замми ин, шаҳрвандон бояд барои хабар доштан ва ба баҳс кашидани ҳама гуна чорабиниҳо оид ба ҷамъоварӣ, муттаҳидсозӣ, ҳифз ва истифодаи маълумоти марбут ба COVID-19, ки ба онҳо дахл дорад, имконият дошта бошанд.

- Чораҳои ҷавобии вобаста ба COVID-19, ки чораҳоро оид ба ҷамъоварии ахбор фаро мегиранд, бояд бо иштироки озод, фаъолона ва аҳамиятноки тарафҳои манфиатдор, хоса коршиносони соҳаи тандурустии ҷамъиятӣ ва намояндагони гурӯҳҳои бештар дарканормондаи аҳолӣ қабул шаванд.

# Чораҳои фавқулода

**РКОҲИ СММ,** COVID-19: Давлатҳо набояд аз Чораҳои фавқулода барои маҳдудсозии ҳуқуқҳои инсон суистифода кунанд – коршиносони СММ, *Изҳорот* аз 16 марти с. 2020

- Ҳар навъ чораҳои фавқулода, ки дар ҷавоб ба пандемияи коронавирус татбиқ мешаванд, бояд мутаносиб, зарурӣ ва ғайритабъизӣ бошанд.
- Чораҳои фавқулодаи вокуниш дар робита ба пандемияи коронавирус набояд ба сифати асос барои амалҳои мақсаднок нисбати гурӯҳҳо, ақаллиятҳои мушаххас ё шахсони алоҳида истифода шаванд.
- Чораҳои номбурда набояд барои пӯшондани амалиёти репрессивии давлат бо баҳонаи ҳифзи тандурустӣ ва ҳамчун воситаҳои фишорорӣ ба ҳомиёни ҳуқуқ истифода шаванд.
- Барои ба танзим даровардани пандемияи мазкур истифода аз муносибат дар заминаи ҳифзи ҳуқуқ зарур аст.

# Ҳуқуқҳои инсон дар маҷмуъ – восита ва сарчашмаҳо

- **Хадамоти байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон (ХБҲИ)**, Ҳимояи инсон дар замони пандемияи COVID-19. Шарҳи мухтасари изҳорот ва тавсияҳои механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид

  *https://www.ishr.ch/sites/default/files/documents/protecting_human_rights_in_times_of_covid-19.pdf*

- **Ҳюман Райтс Вотч**, COVID-19 ва ҳуқуқҳои инсон

  *https://www.hrw.org/news/2020/03/19/human-rights-dimensions-covid-19-response#_Toc35446577*

- **Авфи байналмилал**, COVID-19: Чӣ тавр ҳуқуқҳои инсон метавонанд ба мо дар ҳимояи худ ёрӣ расонанд *https://www.amnesty.org/en/latest/news/2020/03/coronavirus-how-human-rights-help-protect-us/*

- **Идораи СММ дар Беларус**, Ҳуқуқҳои инсон дар замони паҳншавии коронавирус

  *https://un.by/novosti-oon/prava-cheloveka/4951-prava-cheloveka-vo- vremya-rasprostraneniya-koronavirusa*

- **International Partnership for Human Rights (IPHR)**

  IPHR - Tajikistan: transparency key to building public trust on COVID-19

  (Шарикии байналмилалӣ баҳри Ҳукукҳои Инсон (ШБҲИ)

  ШБҲИ - Тоҷикистон: шаффофият – калид барои бунёди эътимод дар масъалаи COVID-19)

  *https://www.iphronline.org/tajikistan-transparency-key-to-building-public-trust-on-covid-19.html*

  IPHR - Kyrgyzstan, NGOs urge Kyrgyzstan to release Azimjon Askarov amid COVID-19 crisis

  (ШБҲИ- Қирғизистон: ТҶ ба озод кардани Азимҷон Аскаров дар шароити бӯҳрони COVID-19 даъват менамоянд)

  *https://www.iphronline.org/ngos-urge-kyrgyzstan-to-release-azimjon- askarov-amid-covid-19-crisis.html*

- **CIVICUS**, Давлатҳо бояд ҳуқуқи инсонро дар асоси ҳама гуна чораҳои ҷавобӣ ба COVID-19 гузоранд, Варақаи матбуотӣ аз 24 марти с. 2020 *https://www.civicus.org/index.php/media-resources/media- releases/4357-civicus-states-should-put-human-rights-at-the-centre-of-all-responses-to-covid-19*

  CIVICUS ба давлатҳо тавсияҳои зеринро пешниҳод намуд:

- Ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо ҳадафи таъмини шаффофият ҳангоми вокуниш ба таҳдидҳои вобаста ба COVID-19. Мубориза доимӣ бо дезинформатсия, бидуни рӯ овардан ба сензура ва ҷазоҳои ҷиноӣ.
- Худдорӣ намудан аз корбурди чораҳои ҷавобӣ нисбати COVID-19 ба сифати баҳона ба хотири ҷорӣ кардани маҳдудиятҳо барои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъқиб намудани фаъолони ҳифзи ҳуқуқ ва маҳдуд намудани озодӣ дар интернет.
- Озод кардани ҳамаи фаъолони ҳифзи ҳуқуқ ва маҳбусони сиёсӣ, ки барои фаъолиятҳои ҳуқуқии худ ё изҳори ақидаҳои ба мавқеи давлат мухолиф ҳабс шуда буданд.
- Дарҳол баъди коҳиш ёфтани таҳдидҳо бекор кардани қонунҳои фавқулода ва нарм намудани чораҳое, ки барои гирифтани роҳи паҳншавии вирус ҷорӣ гардида буданд.
- Дастрасии эътимодбахш ва бемонеаро ба интернет дастгирӣ намуда, ба кулли дастдарозиҳои барқасдона ба ҳуқуқи дастрасӣ ва мубодилаи иттилоот хотима гузоштан.
- **РКОҲИ**, Дастур оид ба COVID-19

  *https://www.ohchr.org/EN/NewsEvents/Pages/COVID19Guidance.aspx?fbclid=IwAR3vrFOEkRi0OpBsdwhZ1GYxxMZa66U9nvT_MPtRq1kMYVDfoiYfpb0gRts*